# МИЗИ МУДАВВАР

Санаи 25-уми майи соли 2026 бо ташаббуси Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №55-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе мизи мудаввар дар мавзуи «Фаъолияти иҷтимоӣ-педагогии хонандагон зимни ташкили робитаи байнифаннии технологияи меҳнат ва фанҳои гуманитарӣ» баргузор гардид. Чорабинӣ ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, дар он масъалаҳои рушди малакаҳои иҷтимоӣ, меҳнатӣ, эҷодӣ ва маърифатии хонандагон тавассути ҳамгироии фанни технологияи меҳнат бо фанҳои гуманитарӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Таъкид гардид, ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ рушди маориф яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ба ҳисоб рафта, барои тарбияи насли донишманд, ватандӯст, соҳибкасб ва эҷодкор шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Дар ин замина, суханони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле муҳиманд: «Мо бояд хуб дарк намоем, ки фарзандон назди мо амонатанд, онҳоояндаи мову шумо ва соҳибони фардои давлату миллат мебошанд». Ин андеша масъулияти омӯзгорон ва аҳли ҷомеаро дар тарбияи насли наврас боз ҳам баландтар менамояд. Сарвиноз Давлатзода, номзади илмҳои педагогӣ-мудири шуъбаи фанҳои технологияи меҳнат, тарбияи ҷисмонӣ, омодагии ибтидоии ҳарбӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ дар суханронии худ иброз дошт, ки робитаи байнифаннӣ дар таълим на танҳо дониши хонандагонро васеъ мегардонад, балки ба ташаккули ҷаҳонбинӣ, малакаҳои амалӣ, фарҳанги меҳнат ва масъулияти иҷтимоии онҳо мусоидат мекунад.

Сипас, Хосият Ҳакимова-ходими калони илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ, дар бораи нақши омӯзгор дар ташаккули малакаҳои иҷтимоӣ ва меҳнатии хонандагон суханронӣ намуд. Зикр гардид, ки омӯзгор дар шароити муосир бояд фаъолияти таълимиро тавре ташкил намояд, ки хонанда на танҳо дониш гирад, балки малакаи фикрронӣ, ҳамкорӣ, меҳнатдӯстӣ, масъулиятшиносӣ ва эҷодкориро низ аз худ намояд. Дар идомаи ҳамоиш Худойқулова Дилафрӯз-омӯзгори фанни технологияи меҳнати духтаронаи Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №55-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе дар мавзуи «Ҳамгироии фанҳои гуманитарӣ ва технологияи меҳнат дар раванди таълим» маърӯза кард. Ӯ роҳҳои самараноки истифодаи усулҳои муосири таълим, фаъолияти амалӣ, корҳои эҷодӣ ва робитаи фанни технологияи меҳнатро бо адабиёт, таърих, фарҳанг ва арзишҳои миллӣ шарҳ дод. Дар анҷоми мизи мудаввар иштирокчиён пешниҳод намуданд, ки таҷрибаи пешқадами омӯзгорон дар самти ҳамгироии фанҳо, ташкили маҳфилҳои эҷодӣ, корҳои амалӣ ва истифодаи усулҳои муосири таълим ҷамъбаст ва дар муассисаҳои таълимӣ васеъ паҳн карда шавад. Чорабинӣ дар фазои ҳамкории илмӣ-методӣ, табодули таҷриба ва рӯҳияи созанда анҷом ёфт.








МЕТОДИ МУҲОКИМАИ ГУРӮҲӢ
МЕТОДИ СИМУЛЯТСИОНӢ (ТАКРОРИ ВОҚЕИЯТ)
МЕТОДИ ЛОИҲАВӢ